# ПРОТОКОЛИ № 10

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

6 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро _9_ нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, _9_ нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Муродӣ М.Б. ва аъзои комиссия Бозорзода Н.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар

шабакаҳои иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Маъруфзода Маҳноза Маъруф** дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи медиакоммуникатсияи факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филалогияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 16-уми сентябри соли 2026, соати $15^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** ҷонибдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ                                                    Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ                                                    Зоириён Б.Ш.